**Истифодаи маблағҳои буҷетӣ дар солҳои 2021-2023**

Дар асоси фармоиши Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2023, №323 бо иштироки кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия рӯзҳои 4 - 23 октябри соли 2023 дар Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтиши молиявию хоҷагӣ гузаронида шуд.

Мақсад аз гузаронидани санҷиши мазкур андешидани чораҳои муассир ҷиҳати пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои дигари коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ буд.

Дар Агентии хизмати давлатӣ истифодаи мақсадноки маблағҳои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Агентии хизмати давлатӣ барои соли 2023 ва таъмини шаффофияти хароҷоти маблағҳои буҷетӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дошта, ҷиҳати пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои дигари коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷетӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда, ҳар моҳ оид ба истифодаи маблағҳои буҷетӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод карда мешавад.

Ҳамзамон истифодаи самараноки маводи конселярӣ ба таври мутамарказ таъмин гардидааст.

Дар Агентии хизмати давлатӣ давоми солҳои фаъолият, аз ҷумла давоми даҳ моҳи соли 2023 ҳолатҳои тасарруфи маблағҳои буҷетӣ ва содири ҷиноятҳои коррупсионӣ ба қайд гирифта нашудааст, ки инро натиҷаи санҷиши молиявӣ низ тасдиқ менамояд.

Дар натиҷаи хулосаи тафтиши молиявию хоҷагӣ дар ду соли фаъолият камбудиҳои молиявӣ, дар самти пешпардохти музди меҳнат ба ҳафт нафар, пардохти музди меҳнат ба як нафар ва пардохти барзиёди рухсатии меҳнатӣ ба ҳашт нафар, ҷамъ ба маблағи 22873 сомонӣ ва камомади молу маводи арзишдор дар зиммаи шахси масъули моддӣ ба маблағи 360,0 сомонӣ ошкор карда шуд.

Маблағи муайяншуда пурра барқарор карда шуда, натиҷаи санади тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз моҳи ноябри соли 2021 то моҳи октябри соли 2023 (аз 23 октябри соли 2023) дар ҷаласаи машваратии назди директори Агентии хизмати давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Тибқи қарори ҷаласаи машваратии назди директори Агентии хизмати давлатӣ ба шуъбаи молия ва муҳосибии Агентии хизмати давлатӣ ҷиҳати назорати истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, пешгирии хароҷоти ғайримақсаднок ва дуюмдараҷа ва пешниҳоди гузориш оиди истифодаи маблағҳои буҷетӣ аз натиҷаи ҳар моҳи фаъолият дастур дода шудааст.

Шуъбаи ташкилию иттилоотӣ
Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон